# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захирахои обӣ, гидрохимия)**

Комиссияи экспертӣ, ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (протоколи № 7-4 аз 18 декабри соли 2025) таъсис дода шудааст, дар ҳайати зерин: раис – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Пулатов Я.Э. ва аъзоён – доктори имлҳои техникӣ, профессор Азизов Р.О. ва номзади илмҳои техникӣ Шаймурадов Ф.И., хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

**Мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илми 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захирахои обӣ, гидрохимия)**

Вобаста ба таъсири тағйирёбии иқлим, бахусус, дар бахши обистифодабарӣ, норасоии об, сифати оби нӯшокӣ ва натиҷаи падидаҳои он қариб дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт ба назар мерасад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари осебпазир аз таъсири тағйирёбии иқлим бо мақсади истифодаи самараноки захираҳои об чораҳои амалиро роҳандозӣ намуда, дар самти обу иқлим иқдому ташаббусҳои дорои аҳамияти сатҳи глобалӣ доштаро дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд устуворона пеш мебарад.

Ташкил ва баргузор намудани таҳқиқотҳои илмӣ оид ба омӯзиши хусусиятҳои даврияти гидрологии ҳавзаи дарёҳои Тоҷикистон дар шароити тағйирёбии иқлим муҳим арзёбӣ гардида, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар дурнамои асосноки идоракунии бонизоми захираҳои об, самаранок истифода карда шаванд.

Аз тарафи докторанти (PhD) мавзуи интихобгардида бо назардошти аҳамияти стратегӣ доштани захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон аҳамияти калони илмӣ-амалӣ дошта, дар пешрафти иқтисодиёти кишвар, инчунин ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мақоми махсусро касб менамояд.

Омӯзиши натиҷаҳои таҳқиқот вобаста ба захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон нишон медиҳанд, ки масъалаҳои даврияти гидрологии дарё дар сатҳи зарурӣ ва ба қадри кофӣ, инчунин бо дарназардошти хусусиятҳои он вобаста ба шароитҳои иқлимӣ, таҳқиқ нашудаанд.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия ва ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ**

Муҳтавои кори диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия мутобиқат мекунад:

1. Асосҳои назариявӣ ва методологии гидрология, гидрография, ҷараёни дарёҳо, лимнология, равандҳои маҷрой ва соҳилӣ, гидрохимия, гидроэкология

4. Хусусиятҳои равандҳои гидрологӣ, гидрохимиявӣ ва гидробиологӣ дар кӯлҳо ва обанборҳо, падидаҳои динамикӣ дар кӯлҳо, обанборҳо ва ҳавзҳо, генезис ва трансформатсияи ҳолати массаҳои об, масъалаҳои амсиласозии лимнологии падидаҳои дохилиобанборӣ, оптимизатсияи речаи обанборҳои хушкӣ

6. Зуҳуроти асрӣ, бисёрсола ва мавсимии равандҳои маҷрои дарё дар шароити гуногуни табиӣ, масъалаҳои арзёбӣ, ҳисоб ва ояндабинии деформатсияи амудӣ ва уфуқии соҳилҳо, хусусиятҳои географии речаи соҳилҳои дарёҳо бо назардошти таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ, мушкилоти экологии соҳилшиносӣ

12. Коркарди усулҳои амсиласозии математикии равандҳои гидрологӣ ва гидрохимиявӣ.

**Инъикоси мукаммали муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб**

Муҳтавои асосӣ, натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои диссертатсионӣ дар таълифоти илмии довталаб ба таври пурра ва муназзам инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва эътирофнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда масъалаҳои калидии таҳқиқотро дар бар мегиранд, аз ҷумла натиҷаҳои таҳлили бисёрсола ва арзёбии хусусиятҳои даврияти гидрологии захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон, амсилаи математикии нишондиҳандаҳои метеорологӣ ва ташаккулёбии маҷрои ҳавзаи дарёи Кофарниҳон.

Дар мақолаҳои [1–М], [4–М] таҳлилҳои омории гузаронидашудаи қонуниятҳои боришоти атмосферӣ дар давоми 50 соли охир оварда шудаанд ва нишон медиҳанд, ки тағйирёбии миқдори боришот дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон назаррас буда, тренди хаттии тағйирёбии он аз рӯйи баробарии регресионӣ барои давраҳои таҳқиқшуда тамоюли афзуншавӣ дорад. Корҳои [2–М] ва [3–М] ба таҳқиқи тағйирёбии маҷрои дарёи Кофарниҳон, бахусус, нишондоди камшавии максималӣ ва зиёдшавии нишондоди минималии сарфи об бахшида шудаанд, ки мазмуни бевоситаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Маводи дар конференсияҳои илмӣ ба нашр расида ҷанбаҳои алоҳидаи таҳқиқотро инъикос намуда, натиҷаҳои фосилавӣ ва хулосаҳои амалии корро муаррифӣ мекунанд.

Ҳамин тариқ, маҷмӯи интишороти довталаб фарогири ҳамаи бахшҳои асосии кори диссертатсионӣ буда, мутобиқати пурраи муҳтавои диссертатсияро бо натиҷаҳои илмии дар нашрияҳои чопшуда пешниҳодгардида тасдиқ менамояд.

**Иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия**

Муҳтавои асосии диссертатсия дар шакли 17 мавод интишор шудааст, аз ҷумла: 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ; 9 мақола дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ; 4 мақола дар дигар маҷаллаҳо; муаллиф дорои 1 нахустпатенти ҶТ ва 3 дастури таълимиву методӣ мебошад.

Банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Замимаи 2 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) аз ҷониби довталаб пурра иҷро гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ**

Эътимоднокии натиҷаҳои ба дастовардашуда вобаста ба истифодаи усулҳои таҳқиқи химиявӣ, физикавӣ ва низоми иттилоотию ҷуғрофӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин дар кори диссертатсионӣ истифодаи амсилаи математикии нишондиҳандаҳои метеорологӣ ва ташаккулёбии маҷрои ҳавзаи дарёи Кофарниҳон, муқоисаи натиҷаҳои амсила бо натиҷаи корҳои илмии олимони соҳа, бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқот инъикос меёбад. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот бо маълумоти таҷрибавии саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ санҷида шуда, такрорпазирӣ ва боэътимодии хулосаҳои бадастомада таъмин гардидааст.

**Масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шуро**

Кори диссертатсияи Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захирахои обӣ, гидрохимия) барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ тавсия карда шавад.

**Пешниҳоди муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар**

Муҳақиқон зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захирахои обӣ, гидрохимия)мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Муҳаббатов Холназар** - доктори илмҳои география, профессор, профессори кафедраи « Методикаи таълими география ва туризм »-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

- **Наврузшоев Ҳофиз Довутшоевич** – номзади илмҳои техникӣ, ходими пешбари шуъбаи экспедитсионӣ ва корҳои саҳроии Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон».

Ба сифати муассисаи пешбар - **Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон** пешниҳод карда мешавад.

**Иҷозати эълони ҳимоя**

Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

**Асолати матни диссертатсия 80,01 % ва асолати матни автореферат 82,94 %-ро ташкил менамоянд.**

**Нашр ва паҳн намудани автореферати диссертатсия**

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис дар ҳаҷми 100 адад ва исрол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаи илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Муҳаббатов Холназар** - доктори илмҳои география, профессор, профессори кафедраи « Методикаи таълими география ва туризм »-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

- **Наврузшоев Ҳофиз Довутшоевич** – номзади илмҳои техникӣ, ходими пешбари шуъбаи экспедитсионӣ ва корҳои саҳроии Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон».

3. Ба сифати **муассисаи пешбар - Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор Пулатов Я.Э.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои техникӣ,
профессор Азизов Р.О.

номзади илмҳои техникӣ Шаймурадов Ф.И.

«05» 01 соли 2026